21 10 2019





**17 октябр Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон, Сарфармондехи Олии Куввахои Мусаллахи мамлакат мухтарам Эмомалӣ Рахмон баъди ифтитохи иншооти зарурӣ дар пойгохи таъминоти моддиву техникии Кӯшунхои сархадӣ бо хизматчиёни сохаи акибгохи сохторхои низомии кишвар мулокот карданд.**

Дар вохӯрӣ рохбарони сохторхои низомӣ ва макомоти хифзи хукук, масъулони таъминоти акибгохӣ ва молияи сохторхои низомӣ ва Агентии таъминоти амволи махсус иштирок доштанд.

Дар суханронии худ Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон доир ба дастоварду камбудихо дар ин самт ибрози акида намуда, аз чумла зикр карданд, ки шароити пуртазоди замони муосир такозо менамояд, ки Куввахои Мусаллахи мамлакат дар холати доимии омодагии чангӣ карор дошта бошанд. Аз хамин сабаб таъминоти сарбозону афсарони Куввахои Мусаллах бо силоху мухимоти хозиразамон, сарулибос, хӯрокворӣ, сӯзишворӣ ва дигар маводу махсулот ахамияти хосса касб мекунад. Хукумати мамлакат барои таъминоти моддии хизматчиёни харбӣ аз имконниятхои мавчуда истифода намуда, тасмим дорад, ки дар ин самт минбаъд низ хамаи чорахои заруриро амалӣ созад. Хамасола аз Бучети давлат ба ин максад маблагхои зарурӣ чудо карда шуда, таъминот бо сарулибос ва хӯрокворӣ бехтар гашта истодааст. Хамзамон, барои бехтар намудани шароити хизмат инфрасохтори зарурӣ сохта ба истифода супурда мешаванд.

Зимни суханронӣ Сарвари давлат мухтарам Эмомалӣ Рахмон махсус таъкид намуданд, ки акибгох сохтори мухими Куввахои Мусаллах ба хисоб рафта, сари вакт таъмин кардани кисмхои харбӣ ва чузъу томхои низомӣ бо маводи гизой, амволи моддӣ, сӯзишворӣ ва техникаву тачхизот вазифаи асосии он ба шумор меравад. Дар натичаи дуруст ба рох мондани кор дар ин ниход имрӯз сатхи таъминнокии Куввахои Мусаллах бехтар гашта, барои сарбозону афсарон шароити мусоиди хизмат фарохам оварда

шудааст.
Барои таъмин кардани сарбозону афсарон бо сарулибос ва пойафзол дар назди Вазорати мудофиа ва Агентии таъминоти амволи махсус корхонахои дӯзандагӣ ва пойафзолбарорӣ фаъолият менамоянд, ки барои бо чои кор таъмин намудани аъзои оилаи хизматчиёни харбӣ ва конеъ намудани талаботи Куввахои Мусаллах мусоидат мекунанд. Инчунин, чихати бо махсулоти кишоварзӣ таъмин намудани чузъу томхои низомӣ хочагихои ёрирасон таъсис дода шудаанд, ки онхо барои бо сабзавоту мева ва гӯшту шир таъмин намудани хизматчиёни харбӣ накши мухим доранд.
Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон ба рохбарони сохторхои низомӣ барои ташкили коргоххо миннатдории худро баён карда, боз хам таквият бахшидани корхоро дар ин самт такозо намуданд.
Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Рахмон диккати хозиронро ба камбудихои дар ин соха чойдошта, аз чумла, истифодаи самараноки маблагхои бучетӣ, бехсозии шароити нигохдории молу махсулот, пешгирии содиршавии чиноятхои хусусияти иктисодӣ ва коррупсионидошта чалб намуда, чихати бартарафсозии онхо ва бехтар кардани таъминоти хизматчиёни харбӣ дастурхои мушаххас доданд.